# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот)**

Дар раванди таълим ворид кардан ва ба таври самаранок истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ яке аз омилҳои муҳим ва асосии рушди соҳаи маориф ва беҳтар гардонидани сифати таҳсилот ба шумор меравад. Ба таври васеъ истифода гардидани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим то ҷое ба татбиқи принсипҳои тарҳи универсалии омӯзиш имконият дода, ба хонандагон шароити рушди салоҳиятҳоро таъмин мекунад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, пеш аз ҳама, ба самаранок намудани фаъолияти зеҳнӣ, баланд бардоштани сатҳ ва сифати омода кардани мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир равона карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» дар он муаррифӣ мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи докторант яке аз мавзӯъҳои ҳалталабе мебошад, ки имконияти истифодаи натиҷаҳои он ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таълимӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, мавзӯи таҳқиқоти докторант мубрам ба ҳисоб меравад, ки дар он истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон ҳамчун масъалаи муҳими таҳқиқотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Асоси таҳқиқоти докторантро баррасии озмоишҳои илмии олимони хориҷиву ватанӣ оид ба масъалаи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ташкил додааст. Андешаҳои ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамуда дар шароити муосир дорои аҳамияти хоси назариявию амалӣ мебошад.

Ҳалли масъалаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо докторант дар натиҷаи иҷро кардани корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ дар шакли рисолаи

илмии иборат аз муқаддима, ду боб ва хулоса мураттаб ва пешниҳод кардааст.

Дар муқаддима докторант муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, фарзия, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда, усулҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси диссертатсияро муайян мекунад, баён кардааст.

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи салоҳиятҳои хонандагон дар раванди таълим», масъалаҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ аз ҷониби хонандагон дар ташаккули салоҳиятҳои асосии онҳо ва ташкили фаъолияти инноватсионии омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълим, ташаккул додани маданияти зеҳнӣ, маърифатӣ ва характери инсон баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия «Амсилаи педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» муаллиф масъалаҳои марбут ба амсилаи фаъоли таълим ва натиҷанокии он дар дарси муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мониторинги сифати таълим ва самаранокии он дар ташаккули муносибати босалоҳият ба таълим, озмоиш ва таҷрибаи педагогӣ дар тағйир додани андешаи омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар доираи навсозии таҳсилотро мавриди таҳқиқу озмоиш қарор дода, доир ба онҳо маълумоти муфассал пешниҳод намудааст.

Ба андешаи муаллиф муҳайё будани шароити мусоиди таълим дар ташаккули салоҳиятҳои асосии хонанда дар раванди иҷтимоӣ ниҳоят муҳим буда, моҳияти таълими фаъол дар чунин шакли ташкили ҷараёни таълимие зоҳир мегардад, ки дар раванди он тамоми хонандагон ба ҷараёни иҷтимоишавӣ фаро гирифта мешаванд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Новобаста аз камбудиҳои ҷузъие, ки дар кор ба назар мерасанд, мазмуну муҳтавои автореферат ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи

диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
директори Муассисаи давлатии
«Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои
назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» Султонзода Н. Л.

**Маълумот барои тамос:**
Нишонӣ: 735034, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳлавӣ,
5 Телефон: + 992-98-86-111-55
16. 07. 2025

*Имзои Султонзода Н. Л. -ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва
коргузории Муассисаи давлатии
«Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои
назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» Ҳакимова О. М.